**«ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ»**
Ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати
Тоҷикистон, д.и.т., профессор
_______________ Назарзода Х.Х.
«__06__» ______02______ соли 2026

**ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР**

**ба диссертатсияи Азимов Наимҷон Ҳалимҷонович дар мавзуи «Асосҳои назариявии таҳқиқоти иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050601-Назарияи иқтисодӣ пешниҳод шудааст.**

**1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Таҳқиқи диссертатсияи мазкур ба Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050601 - Назарияи иқтисодӣ ба бандҳои 1.1. Иқтисоди сиёсӣ: ҳамбастагии қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолӣ, шаклҳои иқтисодӣ, методҳои хоҷагидорӣ ва сохторҳои ниҳодӣ; таъсири тарзҳои нави технологӣ ба равандҳои ташаккул ва фаъолияти сохторҳои иқтисодӣ ва ниҳодҳо; омилҳои инноватсионии дигаргуншавии иҷтимоию иқтисодӣ; қонуниятҳои таҳаввулоти низомҳои иқтисодию иҷтимоӣ; назарияи иқтисодиёти «иттилоотӣ», «баъдисаноатӣ» ва «иқтисоди ба дониш асосёфта». 1.2. Назарияи микроиқтисод: назарияи шуғли пурмаҳсул. 1.3. Назарияи макроиқтисод: назарияи рушди иқтисодӣ; ҷанбаҳои иқтисодии пешрафти илмию техникӣ ва таъсири он ба нишондиҳандаҳои равандҳои макроиқтисодӣ, сиёсати макроиқтисодӣ: самтҳои асосӣ ва вижагиҳои рафтори он. 1.4. Назарияи иқтисодии ниҳодӣ ва таҳаввулотӣ: инкишофи ниҳодҳои механизми хоҷагидорӣ дар ҷомеаи баъдисаноатӣ, мувофиқат мекунад.

**2. Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.**

Бояд зикр намуд, ки иқтидори креативии қувваи корӣ маҷмӯи қобилиятҳои зеҳнӣ, эҷодӣ, касбӣ ва иҷтимоии инсон мебошад, ки ба эҷоди ғояҳои нав, ҳалли ғайристандартии масъалаҳо ва мутобиқшавии самаранок ба тағйироти бозори меҳнат мусоидат менамояд. Ин иқтидор на танҳо дониш ва малакаҳоро дар бар мегирад, балки тафаккури эҷодӣ, ташаббускорӣ, навоварӣ ва қобилияти омӯзиши пайвастаро низ фаро мегирад.

Асосҳои назариявии омӯзиши иқтидори эҷодӣ ва рақобатпазирии қувваи корӣ ба назарияҳои сармояи инсонӣ, иқтисоди инноватсионӣ ва захираҳои меҳнатӣ асос ёфтаанд. Иқтидори креативӣ эҷодкорӣ, қобилияти навоварӣ ва рушди касбиро дар бар мегирад, дар ҳоле ки иқтидори эҷодӣ қобилияти кормандро барои фарқ кардан дар бозори меҳнат ифода мекунад. Мусаллам аст, ки робитаи байниҳамдигарии онҳо калиди мутобиқшавӣ дар иқтисоди рақамӣ ба ҳисоб меравад.

Рақобат на танҳо рақобатпазирии қувваи кориро муайян кардааст, балки тавассути ҷанбаи меҳнатӣ ба ташаккули бартариятҳо барои маҳсулот, мол ва хизматрасонӣ дар шароити бозор таъсир расонидааст, ки ин ҳамчун зуҳуроти мубориза рақобатӣ байни корхонаҳо мебошад, ки барои илми идоракунӣ низ муҳим аст. Аз тарафи дигар, рақобатпазирии қувваи корӣ мустақиман бо раванди меҳнат ва унсурҳои он, яъне ҷои кор, объект ва натиҷаи меҳнат — хусусиятҳои ҷудонашавандаи иқтисоди меҳнат алоқаманд аст. Рушди рақобатпазирии қувваи корӣ инчунин бо потенсиали муҳити рақобатпазир барои ҷойҳои корӣ ва таҷҳизот алоқаманд аст, ки махсусан бо назардошти ниёзҳои пайдошуда барои ҷойҳои нави корӣ дар иқтисоди рақамӣ ва дар натиҷа, афзоиши талабот ба тахассуси қувваи корӣ муҳим аст. Ҷанбаҳои ноустуворӣ дар соҳаи шуғл ва рушди гуногунрангии қобилиятҳои коргарон, ки ба рақобатпазирии онҳо дар заминаи густариши худмашғулият таъсир мерасонанд, махсусан муҳиманд, дар ҳоле ки онҳо бояд ба ҷустуҷӯи кор ва истифодаи самараноки меҳнати худ аз ҷиҳати хароҷот ва натиҷаҳо ба ҳадди аксар манфиатдор ва ташаббускор бошанд.

Низоми иқтисодӣ ба самти иқтисоди рақамии иттилоотӣ тағйироти назаррасеро аз сар мегузаронад. Сатҳи рушди истеҳсолот то андозае имкон медиҳад, ки автоматизатсия анҷом дода шавад. Ин ниёз ба иҷрои асосан меҳнати ҷисмониро аз байн мебарад ва худи раванди кор аз ҷониби иттилоот бартарӣ пайдо мекунад. Аз тарафи дигар, ҷои кор ва худи корхона намуди нав пайдо мекунанд, зеро ҳам коргарон дигар меҳнати ҷисмониро иҷро намекунанд ва ҳам таъсири фишурдани меҳнат, ки дар он ҷомеаи иттилоотӣ ниёз ба меҳнати зеҳниро тавассути густариши доимии нармафзори коркард ва таҳлили маълумот, ки мутахассисон ва пудратчиёни оддиро иваз мекунад, коҳиш медиҳад. Дар натиҷа, масъалаҳои худмашғулиятӣ муҳим мешаванд; ба ибораи дигар, қувваи корӣ бояд ҳамчун соҳибкорон амал кунад ва ин малакаҳои нави муҳим, на танҳо хусусияти зеҳнии меҳнат, талаб карда мешаванд.

Дар шароити муосир иқтисоди креативӣ ҳамчун татбиқгари инноватсияҳо, иттилооти саҳеҳ, донишҳои нав, тавлиди маҳсулоти эҷодии дорои арзиши баланди фарҳангӣ ва босифати иқтидори креативии қувваи

кории қобилиятноки зеҳниву салоҳиятнок ва малакаҳои касбӣ тавсиф карда мешавад.

Бинобар ин, андешаҳои болозикр муҳим будани таҳқиқоти илмии мавзуи кори илмиро нишон медиҳанд ва дар диссертатсия ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии масоили марбута мавриди омӯзиш ва таҳлилу арзёбии амиқ қарор дода шудаанд.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Маврид ба зикр аст, ки ҳадафи таҳқиқоти диссертатсионӣ бо асосноккунии муқаррароти назариявӣ-консептуалӣ ва таҳияи тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба ташаккул, такмилдиҳӣ ва истифодаи босамари иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат интихоб шудааст. Дар ин асос вазифаҳои мушаххасро муаллиф пайгирӣ намуда, дар ин раванд ба асосҳои илмиву назариявӣ такия намуда, навгониҳои илман асоснокнамудаи хешро роҳандозӣ кардааст.

- муаллиф дар заминаи омӯзиш ва таҳқиқоти ҷанбаҳои назариявӣ-консептуалии мавзуи диссертатсия, бо истифода аз таснифот ва равишҳои гуногуни илмӣ назариявии олимон ва коршиносони хориҷӣ ва ватанӣ, тавсифи комили “иқтидори креативии қувваи кори”-ро аз нигоҳи муаллифӣ таҳия намудааст;
- дар натиҷаи таҳқиқоти диссератасионӣ хусусият ва ҷанбаҳои муҳими ташаккулёбӣ ва роҳҳои асосии рушдёбии иқтидори креативии қувваи корӣ дар бозори озоди меҳнат муайян ва мушаххас гардиданд. Муаллиф зикр менамояд, ки ташаккулёбии иқтидори креативии қувваи корӣ дар марҳалаи гузаштан ба иқтисоди креативи инноватсионӣ, бо фарогирии ҳолати иҷтимоии захираҳои меҳнатӣ, муносибатҳои меҳнатӣ (байни корфармо ва корманд), сатҳи хизматрасонии иҷтимоӣ, хусусиятҳои танзими давлатии муҳоҷирати зеҳнӣ амалӣ мегардад;
- ҳангоми арзёбии таъсири омилҳои ба раванди ташаккулёбӣ ва рушди иқтидори креативии қувваи корӣ, яъне омилҳои иҷтимоӣ-демографӣ, ҷуғрофиявию экологӣ, илмӣ-техникӣ ва зеҳнӣ (интеллектуалӣ), иҷтимоӣ-рӯҳӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва иттилоотӣ (коммуникатсионӣ)-ҳамгироӣ (интегратсионӣ), ниҳодӣ-истеҳсолӣ, ки бо назардошти онҳо шохиси рушди инсонӣ, коэффитсиенти захираҳои иқтидори креативии қувваи корӣ тибқи афзоиши табиии теъдоди аҳолӣ, сатҳи маълумоти касбии вобаста ба тағйирёбии теъдоди аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол муайян карда мешавад, ба инобат гирифта шудааст;
- дар раванди таҳқиқот вазъи кунунӣ ва тамоюли рушди иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат, пеш аз ҳама,

аз рӯйи хусусиятҳои ҳамаҷонибаи аҳолии дар иқтисодиёт машғул, сатҳи талаботи миқдорӣ ва сифатӣ ба қувваи корӣ дар бозори меҳнат, сатҳи зудҳаракатии қувваи корӣ аз рӯйи нишондиҳандаҳои чандирӣ, истифодаи қувваи корӣ, маҳорати ташкилӣ, таъмини аҳолии қобили меҳнат бо ҷойҳои корӣ мушаххас карда шуданд, ки ин ба баланд бардоштани сатҳи шуғлнокӣ, коҳиш додани сатҳи бекорӣ ва камбизоатӣ, инчунин, дигар нишондиҳандаҳои иқтисодӣ дар кишвар таъсир мерасонад;

➢ аз ҷониби муаллиф таъсири иқтидори креативии қувваи корӣ дар марҳалаи муосир ба талабот дар бозори меҳнат, ки бо сарчашмаҳои асосии вусъатдиҳии фаъолияти илмию фарҳангии иқтидори креативӣ инноватсионии кадрҳои баландихтисос, инчунин, бо дастовардҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ вобаста буда, аз рӯи аломати сифатию миқдории аҳолии дар бахши хизматрасонӣ шуғлдошта, ки бо дарназардошти индикаторҳои бадастомада мушаххас гашт, асоснок ва пешниҳод карда шудааст;

➢ дар натиҷаи таҳқиқот роҳҳои асосӣ ва самтҳои беҳсозии рушди иқтидори креативии қувваи корӣ: мутобиқгардии иҷтимоӣ тавассути сатҳи баланди дастрасӣ ба хизматрасониҳои босифат, аз ҷумла тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, маориф, танзими давлатии тайёркунии мутахассисон дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои таҳсилоти касбии бекорон ва азнавтайёркунии кадрҳо бо ташкили шароит барои ташаккули низоми иттилоотонии бозори меҳнат, бо дарназардошти эҳтиёҷоти корфармоён, фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ (ҷалби донорҳои хориҷӣ) дар соҳаи иҷтимоӣ, мусоидат барои кӯтоҳмуддатии истифодабарии вақти корӣ (ҷадвали кории чандир), ташкил ва таъмини кормандон ба сафарҳои кории хориҷӣ (сайёҳатномаҳо), дастгирии корманд бо мақсади дастрасии қарзҳои имтиёзок (масалан, барои харидории амволи ғайриманқул ва дигар лавозимоти зарурии бино) ва ғайра аз нигоҳи илмӣ асоснок карда шудааст.

**4. Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.**

Аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсия дар он зуҳур меёбад, ки хулоса ва пешниҳодҳое, ки аз тарафи муаллиф дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқот ба даст омадаанд, илман асоснок карда шудаанд ва онҳо ба баланд бардоштани сатҳи рақобаттавонии иқтидори креативии қувваи кории бозори меҳнат мусоидат намуда, дар сатҳи кишвар барои мукаммал ва муайян намудани ҳолат, тамоюл ва ташаккулёбии иқтисодиёти креативӣ дар ҷумҳурӣ имконият медиҳанд.

Аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он инъикос меёбад, ки он ба ташаккул ва рушди иқтидори креативии қувваи корӣ, баланд бардоштани рақобатпазирӣ дар бозори меҳнат, мукаммал ва мушаххас намудани вазъ, ҳолат ва тамоюли рушди фаъолияти эҷодӣ ва навоварӣ мусоидат менамояд.

**Аҳамияти иқтисодии таҳқиқот аз он иборат мебошад,** натиҷаҳои дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада, метавонанд ҳамчун заминаи таҳқиқотҳои оянда оид ба масоили иқтидори креативии қувваи корӣ мусоидат намоянд ва унсури таконбахши рушди иқтисодиёти креативӣ дар ҷумҳурӣ гарданд.

**Аҳамияти иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия** дар он аст, ки таҳқиқот дар сатҳи зарурӣ ва илман асоснок карда шуда, барои ҳалли масъалаҳои ҷойдошта, бо мақсади таъмини рушди устувори фаъолияти креативӣ дар самти рақобатпазирии бозори меҳнати ҷумҳурӣ равона гардидаанд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо дурустӣ, истифодаи мақсаднок ва саҳеҳияти маълумоти оморӣ, инчунин, хулосаи шабеҳ баровардан аз манбаъҳои омӯхташуда ташкил медиҳанд, тасдиқ мекунанд. Бинобар ин, ҳаҷми маълумоти коркардшуда, ба муаллиф имкон додааст, ки оид ба масоили ташаккул ва рушди иқтидори креативии қувваи корӣ таҳлили ҳамаҷониба ва арзёбии бозори меҳнатро доир созад, хулоса ва натиҷагириҳо намояд.

Натиҷаҳои асосии назариявии диссертатсия дар мавзуи «Асосҳои назариявии таҳқиқоти иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат» дар раванди таълими Донишгоҳи технологии Тоҷикистон аз фанҳои «Назарияи иқтисодӣ», «Иқтисодиёти дониш», «Шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ», «Назарияи рушди инноватсионӣ», «Макроиқтисод» ва «Иқтисодиёти меҳнат» истифода шудааст, ки бо (санади татбиқ аз 03.12.2025с, №886) тасдиқ мегардад.

Ҳамчунин натиҷаҳои илмию амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар фаъолияти МД «Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ»-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «03» январи соли 2025, №13 татбиқ карда шудаанд.

**5. Тавсифи умумӣ, сохтор, мундариҷа ва муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ.**

Диссертатсияи тақризшаванда аз муқаддима, се боб, хулоса ва пешниҳодҳо, замима, рӯйхати адабиёти истифодашуда, ки 169 номгӯйро дар бар мегирад, иборат аст. Кори диссертатсионӣ дар 184 саҳифаи матни компютерӣ баён гашта, 24 ҷадвал, 17 расмро фаро гирифтааст.

Дар **муқаддима** мубрам будани мавзуи диссертатсия ва сатҳи омӯзиши он асоснок карда шуда, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет ва фарзияи

таҳқиқот муйян шудаанд, инчунин муқаррароти дорои навгонии илмӣ ва аҳамияти назариявию амалии диссертатсия инъикос гардидаанд ва маълумот оид ба тавсифи натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод карда шудаанд. Инчунин, саҳми шахсии докторанти PhD дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, ҳамчунин сохтор ва ҳаҷми диссертатсия муайян ва нишон дода шудааст (саҳ. 4-16).

**Дар боби аввали диссертатсия “Асосҳои назариявии таҳқиқоти иқтидори креативии қувваи корӣ”** - асосҳои консептуалии таҳқиқоти иқтидори креативии қувваи корӣ дар шароити муосир, ҷанбаҳои ташаккулёбӣ ва рушди иқтидори креативии қувваи корӣ, инчунин хусусиятҳо ва масоили ташаккулёбии иқтидори креативии қувваи корӣ дар иқтисодиёт мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудааст (саҳ. 17-63).

Тавре ки маълум аст, дар шароити муосир нақши илму техникаро, бахусус бе ҷорӣ намудани фаъолияти инноватсионӣ, ки аз ҷониби созмони зеҳнии шахс дониста мешавад, тасаввур кардан ғайриимкон аст. Муаллиф ба маврид зикр менамояд, ки бахши хизматрасонию воқеӣ ҳамчун натиҷаи истифодаи самараноки фаъолияти иқтидори креативии қувваи корӣ буда он ба дастовардҳои илмӣ-техникӣ, маориф, фарҳанг, санъат, тандурустӣ ва фаъолияти инфиродӣ, ки ба ҳалли мушкилиҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ, инчунин, инноватсионии кишвар мусоидат мекунад (саҳ.17).

Ҳамзамон аз рӯи моҳияти истилоҳ ва мулоҳизаҳои гурӯҳи олимон доир ба мафҳуми иқтидори креативӣ ҳамфикрӣ намуда, муаллиф ба он андеша устувор аст, ки иқтидори эҷодӣ ҳамчун омили муҳими амсилаи инноватсионии рушди иқтисодӣ буда, муҳаррики асосии он неруи эҷодии инсон, навоварӣ, технологияи ба даст овардани ғоя ва донишҳои нав буда, ба навовариҳое мубаддал мегардад, ки ҳам арзиши эҷодӣ ва тиҷоратӣ доранд ва ба ин васила соҳиби худро бо шуғли пурмаҳсул таъмин менамояд (саҳ.20).

Бояд зикр намуд, ки иқтидори креативии қувваи корӣ ҳамчун нерӯи тавоно ва эҷодкору офаранда дар ташаккули сармояи инсонӣ нақши муҳим дорад. Дар ин ҷода фикру ақидаҳои олимону иқтисодшиносон ва коршиносони соҳавӣ хеле хуб ба назар мерасад.

Мусаллам аст, ки дар асоси таҳқиқи афкори назариявии олимони тоҷик ва рус, моҳияти иқтидори эҷодии қувваи кориро ба таври зайл ошкор кардан мумкин аст: иқтидори эҷодии неруи корӣ ин маҷмӯи сифатҳо, хосиятҳо, истеъдод, қобилият ва рақобатпазирии субъектони муносибатҳои иқтисодӣ, меъёри қобилияти маҷмӯавии меҳнатӣ буда, дар натиҷаи фаъолияти самаранок идоракунии захираҳои инсонӣ ташкил карда мешавад, ки дар шароити муосир барои ноил гаштан ба натиҷаҳои баланди иқтисодиву иҷтимоӣ манфиатовар

буда, суръати баланди афзоиши иқтисоди инноватсиониро таъмин менамояд (саҳ.27).

Дар шароити имрӯза омилҳои инсонӣ муҳимтар шуда истодаанд ва аз ин рӯ, зарурати баланд бардоштани самаранокӣ ва сифати қувваи корӣ, ки ба сатҳ, дараҷа ва сифати унсури асосии татбиқи қарорҳои креативона дар истеҳсоли молу хизмат истифода мешаванд, аз ҳама муҳим эътироф карда мешавад.

Ҳамин тариқ, иқтидори инсонӣ дар рушд ва ташаккули низоми босамари ҷараёнҳои моддӣ ва маънавии кишвар, аз ҷумла рушди иқтисоди креативии ҷумҳурӣ ва муҳофизати афзалиятҳои стратегии минтақаҳои он, ки нақши пешбарандаро мебозанд, ифода мегардад (саҳ.43).

Андешаи диссертант боиси дастгирист, зеро қувваи кориро ҳамчун маҷмӯи қобилияти ҷисмонӣ ва зеҳнӣ, ки дар раванди истеҳсолот метавон истифода кард. Яъне, иқтидори креативӣ ба ҳосили ҷамъӣ сармояи инсонӣ + иқтидори инсонӣ + иқтидори меҳнатӣ + қувваи корӣ, баробар аст (саҳ.44).

Аз ин рӯ, бозори меҳнат бояд ба корманд имконияти интихоби кореро пешниҳод кунад, ки ба ӯ имкон медиҳад, ки сифати иқтидори креативии қувваи кории худро ба ҳадди аксар расонад ва барои меҳнати самаранок мукофоти мувофиқ ба даст орад. Аз нуктаи назари рақобат дар бозори меҳнат, сиёсати давлатӣ дар соҳаи мазкур барои самаранок истифодаи иқтидори эҷодии неруи корӣ бояд онҳоро водор созад, ки қобилияти кории худро доимо такмил дода, сатҳу сифати кори креативиро такмил диҳанд, ки ин иқдом бояд ба болоравии нархи шуғли креативӣ оварда расонад.

**Боби дуюми диссертатсия ба “Таҳлил ва баҳодиҳии ташаккулёбии иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат”** - таҳлили омилҳои ташаккулёбии иқтидори креативии қувваи корӣ, арзёбии сатҳи рушди иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат, инчунин, таъсири иқтидори креативии қувваи корӣ ба талабот дар бозори меҳнат бахшида шудааст (саҳ.64-114).

Барои муайян намудани иқтидори креативии қувваҳои корӣ сараввал омӯхтани вазъи воқеӣ, баррасии омилҳои таъсиргузор, ташаккули сармояи инсонӣ ва дар ин асос таҳлилу баҳодиҳии онҳо зарур аст.

Дар диссертатсия зикр шудааст, ки ташаккулёбии иқтидори креативии қувваи корӣ ҷараёни мақсаднокест, ки дар он раванди эҷодии неруи зарурии меҳнатии соҳаҳои гуногун, ташкилотҳо, корхонаҳо ва минтақаҳо, барои ноил гаштан ба вазифаҳои ташкилӣ тавассути усулҳои гуногуни даъват, интихоб, таҳсилот, рушд ё озод кардани кадрҳо мутобиқи ҳадафҳои тактикӣ ва стратегии ташкилот мебошад (саҳ.65).

Таҳлил ва арзёбии заминаи асосии омилҳои ташаккул ва рушди иқтидори креативии қувваи корӣ дар соҳаҳои инноватсионии иқтисодиёти

миллӣ хеле муҳим ва саривақтӣ ба ҳисоб рафта, истифодаи самараноки он на ҳамеша натиҷаи интизорбударо дар бозори озоди меҳнат дода метавонад.

Ҳамзамон, дар диссертатсия қайд гардидааст, ки дар шароити иқтисодиёти креативӣ самаранок истифодабарии ИКҚК, метавонад бо тағйироти микдорию сифатӣ баромад карда натиҷагирӣ карда шавад, ки имрӯзҳо тағйирёбии омилҳои иҷтимоӣ-демографӣ ба ташаккул ва рушди ИКҚК таъсири назаррас мерасонад (саҳ.68-69).

Муаллиф хулоса менамояд, ба раванди ташаккулёбӣ ва рушди иқтидори креативии қуваи корӣ имрӯзҳо бисёр омилҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ, ки ба сатҳи фаъолнокии маблағгузорӣ дар минтақаҳо, дараҷаи таҳсилот, соҳаи меҳнат, сиёсати иқтисодии қарзию пулӣ, сатҳ ва суръати афзоиши таваррум, инчунин, бо меъёр ва номгӯи андозӣ тавсиф карда мешаванд, таъсир мерасонанд (саҳ.76).

Ҳангоми пажӯҳиш ва таҳлили расми 2.3 муайян карда шудааст, ки бештари аҳолии кишвар дар соли 2023 ба таҳияи нармафзор ва технология, ки 36%, эҷодкорӣ ва корӣ мултимедиявӣ 28%, навиштан ва тарҷумаи матнҳо 22 дарсадро ташкил доданд, ки нисбат ба кори офис ва вориди маълумотҳо, фурӯш ва маркетинг, инчунин, хизматҳои касбӣ ҳиссаи зиёдро дарбар гирифтааст (саҳ 89-90). Яъне имрӯз ҷомеа ба рушди тафаккур ва зеҳнияти эҷодкор нигоҳи некбин дорад. Ҳамин аст, ки муҳити имрӯза зери таъсир ва идораи зеҳният ва олами маҷозӣ фаъолияти нерӯҳои эҷодкорро мутаҳид сохтааст.

Бинобар ин муаллиф қайд намудааст, ки рушди иқтисодиёти креативии ҳар як кишвар, ки аз афзоиши истеҳсол ва истеъмоли молҳои ғайрианъанавӣ, инчунин, баланд бардоштани дараҷаи некӯаҳволии аҳолӣ аст, боиси тағйиёрбии симои он тавассути навовариҳои илмӣ-техникӣ, навовариҳои миёна ва хурд дар фаъолияти инфиродию гурӯҳии меҳнати эҷодӣ мегардад, самаранокии онҳо одатан бо афзоиши функсионалии патентҳо ва ихтироот тақвият дода мешавад. Ҷолибияти таҳқиқи муаллиф дар пайдарпайии мантиқии зерин қобили қабул гардидааст: таълим+иттилоот + илми креативӣ+соҳибкорӣ+инноватсия+тиҷорат=иқтисодиёти креативӣ (саҳ.92).

**Дар боби сеюми диссертатсия “Роҳҳои асосии такмилдиҳии рушди иқтидори креативии қувваи корӣ дар шароити модернизатсиякунонии иқтисодиёт”** - рушди сармояи инсонӣ ва ташаккулёбии иқтидори креативии қувваи корӣ ҳамчун омили навкунии иқтисодиёт, таҳсилоти креативӣ ва таъсири он ба рушди рақобатпазирии иқтидори меҳнатӣ ва такмили низоми ҳавасмандгардонии рушди иқтидори креативии қувваи корӣ баррасӣ ва таҳия гардидааст (саҳ.115-156).

Таҷриба нишон медиҳад, ки рушди сармояи инсонӣ, мазмуну мундариҷаи раванди таълим, усулҳои ташкили ҷараёни таълим, тағйироти таркиби таълим дар тамоми муассисаҳои таълимии кишвар, ки ниёз ба беҳтарсозӣ ва тамоюли рушди соҳа дорад, бо роҳи ҳавасмандгардонӣ дар соҳаи таълим метавонад такмил ёбад. Муаллиф дуруст зикр намудааст, ки рушди сармояи инсонӣ ва ташаккули иқтидори креативии қувваи корӣ аз: дониш, маҳорат, навоварӣ, таҷрибаи амалии инсон ва ташаккули фарҳанг, ки ҳамчун як муҳаррики махсуси қобилиятҳо ё имкониятҳои калидӣ барои инсон дониста мешавад, сарчашма мегирад (саҳ.116).

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ таваҷҷӯҳи бештар ба инкишоф додани қобилияти креативии талабагон, донишҷӯён, унвонҷӯён ва кормандони соҳаи илмӣ-техникӣ аст, ки яке аз кафолатҳои асосии муваффақияти ҳар як инсон, захираи меҳнатӣ ва қувваи корӣ дар ҷомеаи муосир, иқтидори инсонӣ мебошад. Зеро тафаккури эҷодӣ қодир аст, роҳҳои ғайримуқаррарии ҳалли мушкилотро пайдо кунад ва аз қолабҳои маъмулӣ берун равад. Ин ба шахс имкон медиҳад, ки дониши назариявӣ ва таҷрибаи амалии худро самараноктар истифода барад, ки ба пешбурди ҷомеа, илм ва фарҳанг саҳми васеътар гузоранд.

Ҳангоми таҳқиқ вобаста аз таҳлили гузаронидашуда доир ба тайёрии касбии кадрҳо, баланд бардоштани тахассусҳо ва таҷрибаҳосилкунӣ, бояд қайд кард, ки тайёркунӣ ва азнавтайёркунии мутахассисон барои инкишофи вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии аҳолии машғул дар фаъолияти иқтисодӣ муҳим ҳисобида шудааст. Бинобар ин, барои иштирок, назорат ва шароити фарогирии мутахассисон дар ин раванди таҳсилот корхонаҳо, институтҳо, муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ бояд аҳамияти ҷиддӣ диҳанд (саҳ.132-133).

Ҳамин тариқ, таҳлилҳои овардашудаи зербоб ба мо имкон медиҳад, ки чунин хулосабарорӣ намоем: коэффитсиентҳои баробар гашта, маънои онро дорад, ки ҳангоми ба андозаи як маротиба афзудани музди меҳнати номиналии солона дар кишвар имконияти афзудани аҳолии машғул дар соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ ва паст шудани сатҳи бекорӣ, инчунин, танзими муҳоҷирони дорои иқтидори баланди зеҳнӣ мегардад (саҳ.154).

Дар хулоса пешниҳоду тавсияҳои муаллиф ҷиҳати дар амал татбиқ намудани роҳу усулҳои таҳқиқоти иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат оварда шудаанд.

**6. Камбудиҳо ва баъзе тавсияҳо ба диссертатсия:**

Дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ дар диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқотҳои ояндаи диссертант самаранок арзёбӣ мегарданд:

1. Доираи масъалаҳое, ки ҳаллу фасли онҳо чун ҳадафи асосии диссератсия муайян шуданд, хеле васеъ ва гуногунпаҳлу мебошанд. Албатта, ҳаллу фасли ҳамаи онҳо ғайримкон аст. Аз ҷумла, роҳҳои асосии такмилдиҳии рушди иқтидори креативии қувваи корӣ дар натиҷаҳои кори диссератсионӣ пурра таҷассум наёфтаанд.

2. Дар саҳифаи 30-юми диссертатсия муаллиф унсурҳои креативии шахс дар шароити иқтисодиёти бозаргонӣ: таркиб ва таснифи онҳоро таҳия намудааст ва дар намуди расми 1.1. овардааст. Муҳтавои асосии онро ба таври зарурӣ тавзеҳ надодааст.

3. Агар дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳангоми баррасии асосҳои назариявии таҳқиқоти иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат таҷрибаи кишварҳои хориҷии дуру наздик истифода карда мешуд ба мақсад мувофиқтар мешуд.

4. Дар диссертатсия гузариш аз як зербоб ба зербоби дигар, яъне ҷамъбасти фикри муаллиф пурра нишон дода нашудааст.

5. Муаллиф зикр менамояд, ки дар ҳақиқат, дар шароити имрӯза барои баланд бардоштани рушди сармояи инсонӣ, нерӯи зеҳнӣ, эҷодӣ, ихтироъкорӣ ва умуман, навоварӣ нақши муассисаҳои таълимӣ беҳамтост (саҳ.130), аммо андешаи худро бо овардани мисоли мушаххас асоснок накардааст.

Қобили қайд аст, ки камбудиҳои пешниҳодгардида хислати ҷузъӣ дошта, мазмун ва баҳои воқеии рисоларо паст намекунанд. Дар умум, диссертатсияи тақризшаванда таҳқиқоти ба итмомрасида ҳисобида шуда, мустақилияти муаллиф дар омода намудани он эҳсос мешавад.

**7. Мутобиқати диссертатсия ба талаботи Низомнома оид ба додани дараҷаи илмӣ.**

Диссертатсияи ба ҳимоя пешниҳоднамудаи Азимов Наимҷон Ҳалимҷонович дар мавзуи «Асосҳои назариявии таҳқиқоти иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат» аз рӯйи мақсадгузорӣ ва ҳалли вазифаҳо, мубрамият ва навгонии таҳқиқот, аҳамияти амалӣ ва назариявӣ кори илмӣ-таҳқиқотии мустақилона иҷрошуда ва мантиқан анҷомёфта мебошад. Натиҷаҳои илмии бадастовардаи муаллиф хусусияти навгонӣ дошта, барои ташаккул ва рушди иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат равона карда шудааст. Дар таҳқиқоти мазкур ҳалли масоили ташаккулёбӣ ИКҚК ошкор гардида, сатҳи воқеӣ ва омилҳои таъсиррасон ба рушди рақобатпазирии иқтидори креативии қувваи корӣ дар бозори меҳнат баҳогузорӣ карда шудааст. Инчунин, тавсияҳои мушаххас оид ба муқаррароти илмӣ, хулосаю пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашуда асоснок буда, аҳамияти амалӣ

барои такмилдиҳии механизми фаъолияти иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат мебошанд.

**8. Мутобиқати матни автореферат ба мундариҷаи диссертатсия.**

Таҳлил нишон дод, ки автореферати диссертатсия пурра муҳтавои диссертатсияи Азимов Наимҷон Ҳалимҷоновичро «Асосҳои назариявии таҳқиқоти иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат» ва муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшавандаи муаллифро фарогир мебошад.

**Мутобиқати тахассуси довталаб ба дараҷаи илмии талабшаванда.**

Азимов Наимҷон Ҳалимҷонович мутахассис дар соҳаи назарияи иқтисодӣ буда, имконияти мустақилона ҳал кардани масъалаҳои муҳими илмӣ дар ин самт мебошад ва таҳқиқоти диссертатсионии ӯ ба самти тахассусии докторант (PhD) мутобиқ мебошад. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, сохтор ва мазмуни кори иҷрошуда ба талаботҳои муқарраршудаи шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050601 - Назарияи иқтисодӣ пурра мувофиқат мекунад. Натиҷаҳои илмии бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ ба талаботҳои чунин корҳо ҷавобгӯ мебошад.

Ҳангоми тавсифи довталаб ба ҳайси таҳқиқотчӣ донишомӯзӣ, фидокорӣ, масъулиятшиносӣ, қобилияти дар сатҳи баланд ташкил кардани кори илмӣ, қабули қарорҳои мустақил ва муайян кардани роҳҳои расидан ба ҳадаф ва вазифаҳои ба миён гузошташударо метавон зикр намуд.

Диссертатсияи Азимов Наимҷон Ҳалимҷонович бо забони давлатӣ навишта шуда, хулоса ва натиҷаҳои таҳқиқот ҷавобгӯи талабот буда, мавқеи намоёни назариявию амалиро соҳиб мебошанд.

Дараҷаи саҳеҳии натиҷаҳои таҳқиқот бо истифодаи усулҳои махсус дар рафти иҷрои диссертатсия, боэътимодии маълумот, ҳаҷми кифояи маводи таҳқиқшуда, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот, маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ тасдиқ мешавад.

Дар амалия хулоса ва тавсияҳо барои татбиқи натиҷаҳои кори диссертатсионӣ ва дар асоси таҳлили илмӣ ҷанбаҳои назариявию таҷрибавӣ бароварда шудааст, ки дар ҳолати амалишавӣ натиҷаҳои мусбиро ба бор хоҳад овард.

**9. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Доир ба мавзуи диссертатсия аз ҷониби муаллиф 11 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла, 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда ва 1 зербанд дар монографияи коллективӣ нашр гардидаанд. Ҳаҷми умумии интишороти илмӣ оид ба мавзуи рисола 5,67 ҷузъи чопиро ташкил додааст.

**10. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия**

Диссертатсияи Азимов Наимҷон Ҳалимҷонович ҳамчун кори илмии ба анҷом расида ба ҳисоб рафта, таркиб ва сохтори он бо тавсияву асоснокунӣ дар сатҳи баланди илмӣ-назариявӣ навишта шуда, ба талаботҳои гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос омода намудани диссертатсия ва ташхиси он дар шурои диссертатсионӣ ва дигар талаботҳои муқаррарнамудаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267) ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсияи довталаби дараҷаи илмӣ ба меъёрҳои гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, омода намудани диссертатсия ва санҷиши кори диссертатсионӣ дар шурои диссертатсионӣ ва дигар талаботи Низомномаи шурои диссертатсионӣ, тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва тартиби бақайдгирии давлатии диссертатсияҳои дифоъшуда, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267 аз 30 июни соли 2021 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Кори диссертатсионӣ бо забони фаҳмо бо истилоҳоти қабулшуда навишта шудааст, ороиши диссертатсия тағйиротро талаб намекунад. Автореферат ва мақолаҳои илмии ба нашр расонидаи довталаб таркиби асосии диссертатсияро дар бар гирифта, натиҷаҳои таҳқиқотро ҳамчун дастоварди нави илмӣ ҳисобидан мумкин аст. Ҷанбаҳои муҳими мундариҷаи кор дар автореферат инъикос ёфтаанд, ки предмети асосии дифоъ мебошанд. Бинобар ин, талабот дар ин бобат дар маҷмуъ қонеъ карда мешавад.

**Хулосаи ҷамбастӣ оид ба сазовор донистани довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Азимов Наимҷон Ҳалимҷонович дар мавзуи «Асосҳои назариявии таҳқиқоти иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050601-Назарияи иқтисодӣ пешниҳод шудааст, таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба шумор рафта, ба бандҳои 32, 33, 34, 35 ва 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) тасдиқшуда ҷавобгӯ буда, дар сатҳи зарурии илмию методологӣ омода гардидааст, масъалаҳои мубрами илмӣ ҳалли худро ёфтаанд ва муаллифи он Азимов Наимҷон Ҳалимҷонович сазовори гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050601-Назарияи иқтисодӣ мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти банди 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби доктори илмҳои иқтисодӣ Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич, дотсенти кафедраи менеҷмент, маркетинг ва иқтисодиёти меҳнати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи менеҷмент, маркетинг ва иқтисодиёти меҳнати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (суратмаҷлиси кафедра №7, аз 04 феврали соли 2026).

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 13 нафар, аз он ҷумла бо ҳуқуқи овоздиҳӣ 12 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» -12 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раиси ҷаласа:**
Мудири кафедраи менеҷмент, маркетинг ва иқтисодиёти меҳнати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, н.и.и., и.в дотсент — Ҳакимзода А.

**Ташхисгар:**
д.и.и., дотсенти кафедраи менеҷмент, маркетинг ва иқтисодиёти меҳнати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон — Мирзоалиев А.А.

**Лоиҳаи тақризро тайёр намуд:**
н.и.и., муаллими калони кафедраи менеҷмент, маркетинг ва иқтисодиёти меҳнати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон — Абдуллоев З.А.

Имзои «**Ҳакимзода А., Мирзоалиев А.А. ва Абдуллоев З.А**.»-ро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДДТТ — Пирзода С.С.

**Суроғаи донишгоҳ:** 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кучаи Деҳотӣ ½ Саҳифаи интернетӣ: www.ddtt.tj, Email: mail@ddtt.tj; tguk@mail.ru.
Телефон: (992 372) 348346 (Факс): (992372) 348546

«05» 02 соли 2026